# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Душанбе – 2026. – 193 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи илмии Одиназода Убайдуллоҳ таҳти унвони «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба доираи масъалаҳои пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра мутобиқат намуда, масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро фаро гирифтааст.

Муҳтавои диссертатсия ба талаботу фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст ҷавобгӯ буда, мувофиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ, густариши муҳоҷирати меҳнатӣ, тавсеаи муносибатҳои оилавӣ, меросӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии дорои унсури хориҷӣ масъалаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи байналмилалӣ дар шароити густариши муносибатҳои байналмилалии хусусӣ қарор дошта, зарурати такмили танзими ҳуқуқии вазъи шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва дигар субъектҳои муносибатҳои фаромиллӣ бештар эҳсос мегардад.

Муаллиф мубрамияти мавзуъро асоснок намуда, дуруст таъкид менамояд, ки муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар як давлат ба вуҷуд меоянд,

метавонанд дар қаламрави давлати дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ дошта бошанд ва қисми зиёди чунин муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ сурат мегиранд. Аз ин рӯ, масъалаҳои муайян намудани қонуни шахсӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ, инчунин танзими коллизионии чунин муносибатҳо аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳисоб мераванд (с.6).

Зимнан бояд иброз намуд, ки диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти назаррас дорад.

**Дараҷаи навгонии илмии диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои мукаммал ва ҳамаҷониба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мебошад.

Муаллиф дар асоси таҳлили муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ба як қатор хулосаҳои нави илмӣ расидааст.

Аз ҷумла, муаллиф масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусиро ҳамчун падидаи мустақили байналмилалӣ-хусусӣ арзёбӣ намуда, аҳаммияти қонуни шахсиро дар танзими муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ асоснок намудааст. Илова бар ин, муаллиф нақши принсипи реҷаи миллӣ, истифодаи мутақобила ва реторсияро дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда аз навгонии илмӣ бархӯрдор буда, хусусияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар заминаи таҳлили васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия гардидаанд.

Муаллиф зимни навиштани рисолаи илмӣ бештар ба қонунгузории ватанӣ такя намуда, ҳамзамон таҷрибаи давлатҳои хориҷаро, ки дар самти мазкур хулоса ва ишораҳои зиёди илмӣ доранд, маври таҳлилу баррасӣ қарор додааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷмуъ аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот далолат медиҳанд. Гузашта аз ин, муаллиф натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои илмии худро дар мақолаҳои илмӣ руйи чоп оварда, вобаста ба он дар семинару конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ маърӯзаҳо намудааст.

Зимни омода намудани диссертатсия муаллиф аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, ба вижа усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, шаклӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ ва диалектикӣ васеъ истифода бурдааст. Инчунин, дар раванди таҳқиқот дар баробари фикру андешаҳои олимону муҳаққиқони соҳа, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш ва муқоиса қарор гирифтаанд.

Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида хусусияти мантиқӣ дошта, ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», бахшида шудаву, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешбинӣ

мегардад, аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 193 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Боби якум** ба масъалаҳои умумии муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ бахшида шуда, дар он асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии онҳо таҳлил гардидаанд. Зикр мегардад, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ аз низоми ҳуқуқие, ки давлат барои онҳо муқаррар намудааст, аз вақти будубош дар қаламрави давлат, аз мақсади ворид шудан ва ғайра вобаста аст. Аз ин рӯ, агар шаҳрванди Тоҷикистон ба қарори берун аз Тоҷикистон сафар кардан ояд, ӯ бояд бо доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои барои хориҷиён муқарраршуда дар давлати таъиншуда шинос бошад, зеро дар аксари кишварҳои ҷаҳон шаҳрвандони хориҷӣ таҳти реҷаи миллӣ қарор мегиранд. Доираи хеле васеи муносибатҳо бо унсури хориҷӣ маҳз тавассути меъёрҳои моддии ҳуқуқи миллӣ танзим карда мешаванд. Ин вазъият, чун қоида, дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки қонунгузории миллӣ танзими муфассали моддии доираи васеи муносибатҳои марбут ба муоширати байналмилалиро дар бар мегирад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ воситаи муайян кардани доираи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ буда, барои муайян намудани доираи имкониятҳои субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асос мебошад.

**Дар боби дуюм** масъалаҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, аз ҷумла қонуни шахсӣ ва масъалаҳои бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури

хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Албатта ташакулёбии ҲБХ маҳз вобаста ба муайянсозии «қонуни шахсии шахси воқеӣ» ҳамчун илм оғоз мегардад. «Қонуни шахсӣ» (lex personalis)-и шахси воқеӣ (шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, гуреза ва ғ.) яке аз қадимтарин формулаҳои коллизионӣ мебошад. Баҳри муайян кардани ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ мураккабгардида «қонуни шахсӣ» (lex personalis)-и шахси воқеӣ (шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, гуреза ва ғ.) қонуни шахсии шахси воқеӣ истифода мешавад, ки ба қадимтарин қоидаи коллизионии ҲБХ тааллуқ дорад. Бедарак ғоибшуда ва вафтокарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳо ва устувориву пойдории муомилоти ҳуқуқӣ аз аҳаммияти бузурги назарӣ, илмӣ ва амалӣ бархурдор аст. Бударак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ яке аз падидаҳои муҳимми ҳуқуқи хусусӣ маҳсуб мешавад, ки ба ҳаёти воқеии инсон алоқаи ногусастанӣ дошта, баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои хусусӣ ва манфиатҳои шахсӣ ва оилавӣ мусоидат менамояд.

**Боби сеюм** хусусиятҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданиро дар бар гирифта, дорои аҳаммияти муҳимми амалӣ мебошад. Мазмуни вазъи ҳуқуқии шахси воқеиро дар ҲБХ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ин шахсони воқеӣ иштирок мекунанд. Ҳамзамон дар муайян кардани мақоми шахси воқеӣ якчанд гурӯҳҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ муттаҳид гардидаанд, ки аз аҳаммияти муҳим бархӯрдор мебошанд. Шахсони воқеӣ асосан субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, оилавӣ, меросӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ буда, вазъи ҳуқуқии онҳоро ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам шартномаҳои байналмилалӣ муайян мекунанд. Ҷаҳонишавӣ дар асри XXI ба яке аз фароияндҳои муҳимми фарогир дар ақсои олам табдил ёфтааст, ки тамоми соҳаҳои рӯзмарраи инсониро дар бар мегирад. Раванди

ҷаҳонишавӣ на танҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, балки фаъолияти меҳнатии инсониро низ таҳти таъсири амиқ қарор додааст, ки танзими ҳуқуқии самаранокро тақозо менамояд. Масъалаи мазкур барои кишвари мо яке аз унсурҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Маҳз бо таъсири ҷаҳонишавӣ имкониятҳои васеи фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ба вуҷуд омадааст.

Бояд зикр намуд, ки муаллиф зимни таҳияи диссертатсия вобаста ба ҳар боб ва зербобҳои он чӣ аз лиҳози назариявӣ ва чӣ аз лиҳози амалӣ таклифу пешниҳодҳои судманд намудааст, ки ҳамаи онҳо ба мукаммалии рисолаи илмӣ таъсиргузор хоҳанд буд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории миллӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти судҳо ва мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда истифода шаванд. Ҳамчунин, маводи диссертатсия метавонад дар раванди тадриси таълимии фанҳои «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи оилавӣ» ва «Ҳуқуқи меҳнатӣ» истифода гардад. Гузашта аз ин, аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф талош варзидааст то ки тамоми мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузоштагшударо аз рӯйи самтҳои мухталифи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ пурра ва ҳамаҷониба ба анҷом расонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот.** Муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ва 1 воситаи таълимӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷалаҳои дигар ба нашр гардидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Рисолаи илмии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба талаботи бандҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Рисола бо услуби илмӣ таҳия гардида, дорои мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд:

1. Муаллиф масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниро аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳлил намудааст, вале фарқияти амалии ин ду мафҳум дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ ба таври кофӣ равшан нагардидааст. Аз ҷумла, нишон дода нашудааст, ки чӣ гуна фарқгузории онҳо ҳангоми муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, эътирофи мақоми ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҳалли баҳсҳои дорои унсури хориҷӣ аҳамияти амалӣ пайдо мекунад. Аз муаллиф дар рафти ҳимоя пурсида мешавад, ки фарқияти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ дар кадом мавридҳо ба натиҷаи баррасии парванда таъсир мерасонад ва чӣ гуна мақомоти судӣ ё дигар мақомоти ваколатдор ин

масъалаҳоро дар амал ҳал менамоянд. Аз ин рӯ, таҳкими ҷанбаи амалӣ ва мушаххаси намудани ҳуқуқтатбиқкунӣ арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам бештар мегардонд.

2. Дар зербоби 3.3.-и диссертатсия марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ таҳлили амалияи судии давлатҳои хориҷӣ ба таври маҳдуд ба назар мерасад, дар ҳоле ки омӯзиши таҷрибаи судии кишварҳои дигар метавонад барои амиқтар фаҳмидани масъалаҳои баҳснок аҳамияти муҳим дошта бошад. Муаллиф асосан ба таҳлили санадҳои меъёрӣ ва мавқеи олимон такя кардааст, аммо таҷрибаи амалӣ ва мавқеи судҳо оид ба ҳалли баҳсҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Норасоии чунин таҳлил то андозае боис гардидааст, ки қисми мазкур бештар хусусияти назариявӣ касб намояд. Дар сурати истифодаи васеътари амалияи судии хориҷӣ, хулосаҳои илмии муаллиф боз ҳам асоснoктар ва ба ниёзҳои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ наздиктар мегардиданд. Аммо эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

3. Муаллиф андешаҳои олимони хориҷиро бо риояи мантиқи илмӣ пешниҳод намуда, заминаи мусоидеро барои дарки масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фароҳам овардааст. Ҳамзамон, дар баъзе бахшҳо таҳлили муаллиф бештар ба шакли нақл ва ҷамъбасти назарияҳо маҳдуд гардида, муқоисаи амиқи мавқеъҳои илмӣ ва арзёбии интиқодии онҳо камтар ба назар мерасад. Барои боз ҳам таҳким бахшидани арзиши илмии таҳқиқот, мувофиқи мақсад мебуд, ки муаллиф дар баробари тавсифи назарияҳои мавҷуда, ба масъалаҳои баҳснок муносибати интиқодӣ нишон дода, асоснок менамуд, ки кадом мавқеъҳо ба хусусиятҳои низоми ҳуқуқии миллӣ бештар мутобиқ мебошанд. Вобаста ба ин аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро ба ин масъала равшанӣ меандохт.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии диссертатсия мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои рисола таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети
муносибатҳои иқтисодии байналилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Рустамзода Ф.Р.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2,
Тел: +992(37) 234-83-46,
E-mail: mail@ddtt.tj;

Имзои Рустамзода Ф.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, , кӯч. Деҳоти 1/2
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.tguk.tj
E-mail: tguk2025@gmail.com

«05» 05 2026 сол